# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 180 саҳ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар забоншиносӣ ба таҳқиқи таркиби луғавии гӯйишҳои гуногуни забони тоҷикӣ нисбат аз дигар бахшҳои он барвақттар муҳаққиқон даст зада, ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд. Дар натиҷаи таҳқиқи амиқи баъзе вожаҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти моддиву маънавии ин ё он халқ ё гурӯҳи этникиро метавон муайян намуд. Таҳқиқи вожаҳо дар ҳалли бисёр муаммоҳои илми забоншиносӣ низ нақши муассир дошта, дар ин самт дар шевашиносӣ корҳои зиёди таҳқиқотӣ ба анҷом расида, таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа бештар ба таҳқиқи таркиби луғавии гӯйишҳо равона гардида, дар натиҷа луғати гӯйишии мавзеъҳои Хуҷанд, Исфара, Рашт, Панҷакант, Конибодом, Мастчоҳ, Даштиҷум, Тагнов ва чанде дигар мавзеъҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Албатта, ин маънои онро надорад, ки вожагони таркиби луғавии ҳамаи гӯйишҳои минтақаҳои тоҷикнишин аз нигоҳи тақозои замони соҳибистиқлолӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифта бошад. Яке аз ин мавзеъҳо, ки вожагони гӯйишаш мавриди гирдоварӣ, баррасӣ қарор нагирифтааст, гӯйиши ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи аз тарафи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» омодагардида ба самти забоншиносӣ, хосатан ба бахши шевашиносии он ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Гулова Маъмура Нуровна мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши лаҳҷашиносии илми забоншиносии тоҷик алоқаманд буда, актуалӣ ва нав мебошад. Дар гӯйиши ноҳияи Айнӣ, чун гӯйишҳои дигари забони тоҷикӣ, вожагони ифодагари номи рустаниҳо, ё ба таври дигар, оламӣ набототи ҷойгоҳи хосаро ишғол намуда, дорои калимаю ибора ва таркибҳои

зиёди соҳавӣ мебошад. Аз ин рӯ ҷамъоварии маводи марбут ба вожагони ифодагари номи рустаниҳо ё олами наботот дар гӯйиши Айнӣ, табақабандию таҳлил ва таҳқиқи илмии он яке аз масоили мубрамро касб кардааст. Ин мубрамӣ боис шуда, ки бо истифода аз осори назарии соҳаи шевашиносӣ ва маводи гӯйиши мазкур ба таҳқиқи вижагиҳои луғавӣ, сохторӣ ва роҳҳои шаклгириву рушди вожагони марбут ба соҳаи рустанипарварии гӯйиши Айнӣ дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» омода гардад, ки айни муддао ва мубрам мебошад.

Дар қатори дигар гӯйишҳо таҳқиқу баррасии гӯйиши Айнӣ аз тарафи олимон ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ сурат гирифта, доир ба ин гӯйиш ва баъзе вижагиҳои ҷузъиёти он таҳқиқоти назаррас ба анҷом расида, дар шакли асару мақолаҳо нашр гардидаанд, ки таълифоти В. С. Расторгуева, И. И. Зарубин, М. С. Андреев, А. Л. Хромов, С. Носиров ва чанде дигарон дар байни ин таълифот ҷойгоҳи хосаро касб мекунанд. Дар нигоштаи ин муҳаққиқон ҷойгоҳи вомвожаҳо дар гӯйиш, вожаҳои таърихӣ ва доираи корбурди онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Ҳамин тавр, дар соҳаи омӯзишу таҳқиқи гӯйиши Айнӣ ва баъзе вижагиҳои гӯйиши он асару мақолаҳои зиёде навишта шудаанд, ки онҳо дар такмили илми забоншиносии тоҷик, хусусан, бахши шевашиносии он ҳиссаи муҳим ба шумор мераванд. Ба қавли муҳаққиқ, «дар таълифоти муҳаққиқон масъалаҳои мақоми вомвожаҳо дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои Айнӣ ва муносибати байни лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ ва забони адабиёти классикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд» (с. 6). Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст вожагони марбут ба номи рустаниҳо, ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории онҳо дар мисоли маводи гӯйиши ноҳияи Айнӣ гирдоварӣ гардида, ҷойгоҳи он дар ғанисозии таркиби луғавии забони адабии тоҷик, омӯзиши роҳҳои ташаккулу таҳаввули овоӣ, луғавии зиёда аз 800 вожаи мавриди таҳқиқ қароргирифта ва мансубияти забонӣ, ҷиҳатҳои сохторӣ, алоқамандии таърихии вожагони мавриди таҳқиқ бо забонҳои қадима ва муосири шарқӣ-эронӣ, умумият ва тафовути

вожагони мавриди таҳқиқ дар муқоиса бо дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диққатҷалбкунанда буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо ва калимаҳои ба онҳо алоқамандро дар мисоли гӯйиши ноҳияи Айнии забони тоҷикӣ таҳқиқу баррасӣ намояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 5 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарии мавзуи диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ин мавзуъ дар шевашиносӣ ягон кори илмӣ ба анҷом нарасида, дар диссертатсияи мазкур умдатарин масоили назарии марбут ба вожа, роҳҳои иқтибосшавӣ, ҷанбаҳои маъноӣ ва калимасозӣ баррасӣ гардиданд ва дахл кардан ба ҷанбаҳои назарии калимаҳои марбут ба номи рустанӣ ё олами наботот аҳаммияти назарии таҳқиқро мустаҳкам намуда, матолиби назарии дар диссертатсия баррасигардида барои таҳқиқи минбаъдаи марбут ба назарияи забони адабӣ ва гӯйишҳои тоҷикӣ чун манбаи назарӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ ҳамчунон дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи шевашиносии тоҷикӣ ва вижагиҳои тасвирии он ба забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони ноби тоҷикӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаи бадастомада ва дастовардаҳоро дар таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои шевагӣ, баргузории курс ва семинари назариявию амалӣ аз шевашиносии таърихӣ ва тасвирӣ истифода кардан мумкин аст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ, дар навбати худ, ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд. Дар диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда масъалаҳои зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ шудани он, ҳадаф ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, усули таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти назариявию амалии мавзуъ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи вожагони марбут ба номи рустаниҳо дар гӯйиши ноҳияи Айнӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии омӯзиши номи рустаниҳо» ном дошта, фарогири 5 фасл аст ва дар фаслҳои боб доир ба осори илмии забоншиносии фарогири масоили назарии луғатшиносӣ ва лаҳҷашиносӣ мулоҳизаронӣ шуда, муҳтавои таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки барои таҳқиқи вожагон, калимаҳои соҳавӣ ва ҷанбаҳои гуногуни лаҳҷашиносӣ, аз ҷумла вожагони марбут ба калимаҳои умумихалқӣ, мафҳуми калимаҳои хоси лаҳҷа, шарҳи

мафҳуми гурӯҳи луғавӣ ва мавзуии соҳа, ҷойгоҳи вожагони ифодагари номи рустаниҳо дар гӯйиши ноҳияи Айнӣ, вижагиҳои муҳимми номгузории вожаҳои ифодагари номи рустаниҳо ва амсоли инҳо дар боби мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо аз нигоҳи маъно» унвон дошта, ин боб фарогири 7 фаслу 2 зерфасл мебошад. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо аз нигоҳи мавқеи ифодагари макон ба номи дарахтони мевадори маҳаллӣ, дарахтони бесамари маҳаллӣ, дарахтони буттагӣ ва буттаҳои маҳаллӣ, номи гиёҳу алафҳои худрӯй, номи зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёиҳо, номи сабзавоти маҳаллӣ, номи рустаниҳо дар осори адибони минтақа ва амсоли инҳо тасниф гардида, мавриди таҳлили забонӣ қарор гирифтаанд. Ин боб бо фаслу зерфаслҳояш аз нигоҳи ҳаҷм ва баррасии мавзуъ боби асосӣ маҳсуб меёбад ва маводи зиёди забониро дар бар мегирад. Таҳлилҳо дар боби мазкур аз чанд ҷиҳат ҷолиб буда, дар онҳо пайҳам овардани афкору андешаи унвонҷӯ ва муҳаққиқони соҳа эҳсос мегардад ва мубоҳисаи шахсии унвонҷӯ низ дарк мегардад, ки ҷолиби диққат аст.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо аз нигоҳи сохтор» номгузорӣ шуда, фарогири 4 фаслу 1 зерфасл мебошад. Дар боби мазкур калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо аз нигоҳи сохтор ба калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва ибораистилоҳҳо дастабандӣ гардида, бо овардани мисоли бисёр дар ин бобат таҳлили сохторӣ сурат гирифтааст. Дар ҳар фаслу зерфасл калимаҳои зиёди ифодагари номи рустаниҳо оварда мешавад, ки ин далолат бар он мекунад, ки дар гӯйиши ноҳияи Айнӣ калимаҳои зиёди ифодагари номи рустаниҳо мавҷуданд ва онҳо аз нигоҳи сохт бештар сохта, мураккаб, хосатан, мураккаби тобеъро ташкил дода, дар пурғановат шудани таркиби луғавии забони модариамон мусоидат кардаанд.

Хулосаи диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ба чоп расидаанд.

Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ дорад, сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, шеваи нигориш, масъалагузориҳо, услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, дар унвони диссертатсия, ки «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» аст, калимаи маъноӣ, ки бо луғавӣ якҷоя омадааст, барзиёд буда, ҳамон маъниро калимаи луғавӣ медиҳад. Қолиби луғавӣ-маъноӣ калкаи лексический-семантический русӣ буда, дар забони тоҷикӣ онро танҳо бо калимаи луғавӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Инчунин истилоҳи лаҳҷа дар шакли ҷамъ омадааст ва хуб мешуд, дар шакли лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ ё гӯйиши ноҳияи Айнӣ ифода меёфт.
2. Дар диссертатсия ва автореферат ба ҷойи истилоҳи «лаҳҷа» истифодаи «шева» ё «гӯйиш» беҳтар мебуд. Зеро дар таснифи истилоҳоти шевашиносӣ вожагони лаҳҷа арабӣ буда, вожагони шева ва гӯйиш тоҷикӣ аст. Аз ин рӯ корбурди ин вожагони тоҷикӣ барои ҷорӣ гардидани вожагони илмии тоҷикӣ низ мусоидат мекунад.
3. Дар бахши хулоса натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуи матраҳшаванда дар 11 банд оварда шудааст, ки бандҳои 1, 2, 6, 8, 10, 11 аз ҷумлаи бандҳое мебошанд, ки дар шакли мақолаи луғавӣ, яъне аз нигоҳи ҳаҷм хеле бузург нигошта шудаанд. Бандҳои хулоса бояд бо ду-се ҷумлаи кӯтоҳу хулосабарорӣ оварда шаванд.

4. Дар номгузории бобҳои якум ва дуюми рисола бо вожагони таҳлил истифода шудааст, вале дар номи фаслҳо вожагони таҳқиқ зикр гардидааст, ки андаке ин ҷо таносуб коҳиш ёфтааст. Бояд гуфт, ки вожагони таҳлил муодил ё гунаи таҳқиқ нест. Аз ин рӯ бинобар сабаби вожагони таҳқиқ эътибору манзалаташ волотар аст, бояд дар номи бобҳо оварда мешуд ва вожагони таҳлил дар номгузории фаслҳо зикр мегардид.
5. Феҳристи адабиёт ба чор банд дастабандӣ гардида, фарогири 180 номгӯйи адабиёти зарурӣ аст, вале дар ин феҳраст баъзе номгӯйи адабиёт ба рисолаи илмӣ ҳеҷ рабте надошта, дар ин рӯйхат на ҳамаи адабиёти соҳавӣ оварда шудааст. Аз ин рӯ он такмил мехоҳад.
6. Дар саҳифаҳои 5, 6, 9, 31, 61, 63, 64-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмист.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Гулова Маъмура Нуровна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи таърихи забон ва**
**типологияи факултети филологияи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** Ҳомидов Д. Р.

*"Имзои доктори илми филология*
*Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам"*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

«12» декабри соли 2023

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Дилкушо, бинои 28/1
**Тамос:** (+992) 907-79-82-65; 221-62-25
**E-mail:** homidov65@mail.ru
**Сомона:** www.tnu.tj